# ҚАРОРИ
# ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.KOA-030 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз 16 - уми апрели соли 2021 № 41 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 таҳқиқоти диссертатсионии Ғайратова Фотима Асламшоевнаро дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (илмҳои таърих) аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих), (роҳбари илмӣ - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Нуриддинов Раймалӣ Шаҳбозович), тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои таърих, профессор Набиев Ваҳоб Машрафович, номзади илмҳои таърих, дотсент, Қудратов Комрон Абдунабиевич, баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: муқарризони ғайрирасмӣ д.и.с, профессор Шоисматуллоев Шоназар, д.и.т, профессор Мулоҷонов Сайфулло Кучакович, д.и.т., профессор Олимов Музаффар Абдувaққосович, д.и.т., профессор Мирзоев Ниёз Мирзоевич ва д.и.ф., профессор Ҷононов Сайдамирро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосае, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Ғайратова Фотима Асламшоевна, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ғайратова Фотима Асламшоевна дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (илмҳои таърих) аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои

байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) ба талаботи пешбини намудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз чумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ғайратова Фотима Асламшоевна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих сарфароз гардонида шавад.

4. Ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати ба Ғайратова Фотима Асламшоевна додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дархост пешниҳод карда шавад.

Кӣ ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам, овоз диҳед. Муқобил - нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ҷононов С.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент** **Раҷабов И.**